**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2024.-66 с.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ омӯзиши таърих ва фаъолияти шахсиятҳои барҷастаи миллат мавқеи муҳимро касб намудааст. Дар ин ҷода хизмати академик Мулло Эркаев бузург буда, фаъолияти сиёсӣ, омузгорӣ ва илмии ӯ дар тайёр намудани шогирдон назаррас мебошад ва зарурати ба тадқиқоти алоҳидаи илмӣ кашиданро талаб менамояд.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди фаъолияти сиёсӣ, омӯзгориву илмии ӯро бо истифода аз манбаҳои боэътимод, ба хусус маводҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, асарҳои худи Мулло Эркаев ва ёддоштҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани саҳми академик М. Эркаев дар инкишофи маълумоти олӣ, илми таърихи халқи тоҷик ва тайёр кардани кадрҳои илмиву омӯзгорӣ бахшида шудааст, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд. Тадқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, объективона аз раванди фаъолияти гуногунҷанбаи академик М. Эркаев ва натиҷаи хизматҳои беназиру судманди ӯ баҳри таърихи халқи тоҷик тавассути мақолаву асарҳои таърихӣ аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши нақши академик М. Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии

касбиии Тоҷикистон дар доираи мушаххаси хронологӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Дар рисола накши академик М. Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олиии касбии Тоҷикистон дар солҳои 40 – ум - нимаи аввали солҳои 90 – уми асри XX маълумот дода шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ ва ҳадафи онро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст.

Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот панҷ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва се мақола дар дигар маҷаллаҳо ва конференсияҳо ба чоп расонидааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**
2.04.2024с

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova@mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60
**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**